ПРОТОКОЛИ № 18

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D. КОА- 086 назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев

аз « 26 » октябри соли 2026 ш.Хоруғ

Дар ҷаласа иштирок доштанд:

аз 11 нафар аъзои шуро 11 нафар

Раиси шуро: Мамадризохонов А.А., д.и.б., профессор.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2025, № 43/шд тасдиқ гардида 11 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 6 нафар докторони илм ва 5 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест.

Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Мирзозода Бадриддин Бобомурод дар мавзуи «Хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологӣ-биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қаторкӯҳи Ҳисор», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз рӯйи ихтисосҳои 1.5.18. Ботаника, 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо.

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Сатторов Раҳматулло Бобоевич ва аъзои комиссия номзади илмҳои биологӣ Наврузбекова Мунира Давлатшоевна, номзади илмҳои биологӣ Давлатова Дилоро Мирзоаҳмадовна оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Мирзозода Б.Б. дар мавзуи «Хусусиятҳои биоморфологӣ

ва физиологӣ-биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қаторкӯҳи Ҳисор», ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Мирзозода Б.Б. дар мавзуи «Хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологӣ-биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қаторкӯҳи Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 1.5.18. Ботаника, 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Мирзозода Бадриддин Бобомурод дар мавзуи «Хусусиятҳои биоморфологӣ ва физиологӣ-биохимиявии набототи баландпояи саваннамонанди қаторкӯҳи Ҳисор», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 1.5.18. Ботаника, 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Наврузшоев Довудшо- доктори илмҳои биологӣ, ходими илмии пешбари Институти биологии Помир ба номи Х.Юсуфбекови АМИТ

- Муқумов Илҳом Уктамович –номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи ботаникаи факултети биологияи Донишгоҳи Самарқанд ба номи Ш.Рашидов.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуадуллоҳи Рудакӣ таъин гардид.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 5 декабри соли 2026, соати 14^{00} мукаррар карда шавад.

Натичаи овоздиҳӣ: тарафдор 11 нафар, мукобил-нест, бетараф-нест, **Қарорнома қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои биологӣ, профессор Маҳмадризохонов А.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ Содатқадамова Т.М.